«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
__________ профессор Ҷӯразода Ҷ.Ҳ.
«12» __________ 2021

ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи "Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод")" барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ – Душанбе - 2021

Публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ тамоми мавзӯоти иҷтимоиву сиёсиро фаро гирифта, дар ҷараёни мураккаби ҳалли вазифаву муаммоҳои муҳими замон муваффақ мебошад. Вай ҳамчун воситаи натиҷабахши барқарор намудани робитаи байни омма ва давлат дар давраҳои гуногун дар пешрафти ҳаёти маънавию фарҳангии ҷомеа ва таҳкими худшиносии миллӣ мусоидат кардааст. Матбуоти маҳаллӣ дар қолаби публитсистиву бадеии эҷод бо воқеиятписандии амиқ дар ҳама давраҳо таърихномаи маҳалро ба вуҷуд овардааст.

Омӯзиши публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ дар бораи аввалин падидаҳои эҷоди публитсистӣ, фаъолияти адибони ҷавони маҳаллӣ, нақши даъватсозиву муътақидсозии эҷоди онҳо, фазои иттилоотӣ ва муҳити маънавию иҷтимоии маҳал ва пойдевори ташаккули публитсистикаи матбуотии кишвар аз лиҳози мундариҷаву мавзӯъ, қолабҳои жанрӣ ва дигар аносири ҳунари маводи арзишманду

маълумоти возеҳ медиҳад. Аз ин нуктаи назар, диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи “Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод”) мубрам ва арзишманд маҳсуб меёбад. Зеро омилҳои мавриди зикр нақши назаррас доштани матбуоти маҳаллиро дар пешрафти маърифату ҷаҳонбинии омма, тарбияи маънавию худшиносии миллӣ ва ҷанбаҳои ватандӯстиву бунёдкорӣ собит менамояд.

Навгониҳои таҳқиқро муаллиф бо он асоснок кардааст, ки дар диссертатсия бори нахуст ҷараёни таърихи инкишоф ва публитсистикаи бадеии нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод” ба таври комплексӣ ва дар алоқамандӣ бо якдигар ба таҳқиқ гирифта мешавад. Муайян намудани таъиноту моҳияти матбуоти маҳаллӣ ва таҳқиқи омилҳои таърихии инкишофи нашрияҳои алоҳидаи ноҳиявӣ дар самти пажӯҳишҳои таърихии матбуоти тоҷик иқдоми аввалин мебошад. Маълум намудани хосияту сифати мавод, дараҷаи касбияту ҷаҳонбинии муаллифон, руҳияи адабии навиштаҳо, фарогирии оҳанги замон, қолабҳои устувори тағйирёбандаи жанрҳои публитсистиву бадеӣ ва мазмуни муҳтавои матолиби публитсистии саҳифаҳои матбуоти маҳаллии кишвар бори аввал омӯхта мешавад.

Мавод ва натиҷаи таҳқиқро ҳангоми таълифи китобҳои таърихи матбуоти тоҷик ба вежа таъриху таъиноту моҳияти матбуоти маҳаллӣ, хусусияти сабкиву услубӣ ва жанрии публитсистикаи матбуотӣ метавон истифода кард. Кори илмии фавқуззикр ҳангоми таълими фанҳои “Асосҳои фаъолияти журналистӣ”, “Назарияи публитсистика”, курсу семинарҳои махсус, дарсҳои интихобӣ дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ метавонанд мавриди таълим қарор ёбанд.

Диссертатсияи мазкур, ки такя ба сарчашмаҳои муътамади назариявӣ ва илмӣ таҳия гардидааст, фазои илми журналистикаи тоҷикро нисбатан пурра мекунад. Бахусус, муҳтавои онро дар коркарди назарии жанрҳои бадей-публитсистӣ, журналистикаи сиёсӣ, омӯзиши қонунмандӣ ва таркиби жанрӣ метавон истифода кард.
Нуктаҳои асосӣ ва меҳварии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар даҳ банд корбаст шудааст, ки бозгӯкунандаи мақсад ва вазифаҳои рисола ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор бобу ёздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳо иборат аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методология ва методи таҳқиқ, манбаъҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, навгонии таҳқиқ, аҳамияти назарии таҳқиқ, арзиши амалии таҳқиқ, хронологияи таҳқиқ, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, саҳми фардии муаллиф, сохт ва ҳаҷми диссертатсия дар асоси талаботи рисолаи илмӣ дуруст оварда, шарҳу эзоҳ дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – "Баъзе ҷанбаҳои назарии шинохти матбуоти маҳаллӣ ҳамчун типи хоси матбуоти даврӣ" – аз чор фасл иборат мебошад.

Дар фасли якуми боби аввал – "Аносири умумӣ ва хосаи нашрияҳои маҳаллӣ" – доир ба нақши матбуот дар ҳаёти иҷтимоӣ, ҷойгоҳи матбуоти маҳаллӣ дар низоми матбуоти даврӣ ва таъйиноту моҳияти матбуоти маҳаллӣ сухан рафтааст.

Дар фасли дуюми боби якум, ки "Ҷанбаҳои таърихии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон" унвон дорад, диссертант баъзе масъалаҳои таърихии матбуоти маҳаллии кишварро баррасӣ намудааст. Ба таъкиди муҳаққиқ дар ин самт заминаҳои пайдоиши матбуоти маҳаллии тоҷик нашру паҳн гаштани рӯзномаҳои девориро муайян

намудааст. Диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки такя ба андешаи олимони соҳа мавзӯъро матраҳ намояд.

Дар фасли сеюми боби аввал диссертатсия "Таърихи мухтасари нашрияи "Шаҳриёр" диссертант доир ба таърихи рӯзномаи ноҳиявии "Шаҳриёр"-и шаҳри Ваҳдат сухан рондааст.

Дар фасли чоруми боби якум "Нашрияи "Набзи Файзобод" ва марҳилаи ташаккули он" баъзе марҳилаҳои таърихии нашрияи ноҳияи Файзобод ба силки тадқиқ кашида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия "Таҳлили мавзӯоти асосии матбуоти маҳаллӣ" аз се фасл иборат буда, доир ба таркиби мавзӯи нашрияҳо таваққуф шудааст. Аз фасли аввали ин боб – "Нақши идеологӣ ва уфуқҳои мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ" маълум мегардад, ки нишондодҳои муассис ва ҷаҳонбинии бевоситаи мухбири рӯзнома самти мавзӯи идеологӣ ва сиёсии рӯзномаҳоро шакл бахшидааст. Дар ин фасл муаллиф таъкид менамояд, ки дар ин раванд матбуоти маҳаллӣ бо умумияти характери ҳизбӣ доштани фаъолияти журналистӣ амал намуда, воқеияти ҳаёти иҷтимоиро дар партави идеалҳои ҳизбӣ инъикос мекунад. Муаллиф дар ин боб ба натиҷае расидааст, ки уфуқҳои мавзӯӣ дар фаро гирифтани масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар давоми фаъолияти нашрияҳои мавриди таҳқиқ доманаи васеъ дорад. Дар фасли дувуми боби мазкур "Доираи мавзӯоти фарҳангиву худшиносии миллӣ" диссертант таъкид менамояд, ки масъалҳои фарҳангиву маънавӣ ва худшиносии миллӣ дар ҳама давраҳо аз саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ канор намондаанд. Дар асоси маводи фаровон диссертант ба хулоса меояд, ки мазмуну табиати фарҳангиву маънавии рӯзномаҳои мазкур давра ба давра такмил ёфта, вобаста ба муҳиту фазо худшиносии миллиро дар дараҷаҳои гуногун фаро мегирад.

Дар фасли сеюми боби дуюм нақши матбуоти маҳаллӣ дар инъикоси созандагиву бунёдкориҳои солҳои гуногун сухан рафта, диссертант таъкид менамояд, ки мухбирони маҳаллӣ бо завқу шавқи баланд ин равандро дар қолабҳои публитсистӣ инъикос кардаанд. Ба андешаи диссертант дар замони истиқлол мавзӯи бунёдкориву созандагиҳо дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ маҳдудтар гардидааст. Диссертант дар ин фасл таъкид мекунад, ки ҷузъиёти бунёдкорӣ дар ин давра дар мавриди таъмиру азнавсозии роҳҳои дорои аҳамияти байналмиллалӣ ва маҳаллӣ, бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқӣ, барқарорсозии фабрикаи парандапарварӣ, сохтмони мактабҳову муассисаҳои тандурустӣ дар саҳифаҳои нашрия инъикос гардида, симои соҳибкорону саховатмандон бештар васф мегарданд.

Боби сеюми диссертатсия "Рангорангии жанрии мантҳои публитсистикаи бадеӣ" ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар он хусусиятҳои жанрҳои публитсистиву бадеӣ дар саҳифаҳои нашрияҳои "Шаҳриёр" ва "Набзи Файзобод" таҳқиқ гардидааст. Муаллифи диссертатсия бар он назар аст, ки рушду ташаккули матбуот дар инкишофу таҳаввули жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ мусоидат кардааст. Диссертант дар ин фасл таъкид менамояд, ки матбуоти маҳаллӣ доираи жанрҳои хосаву мутафовити худро надошта бошад ҳам, аммо тобиши махсуси жанрҳои алоҳида дар нигоҳи маҷмӯи табиату таъйноти матбуоти маҳаллиро дар давраҳои алоҳида нишон медиҳад. Дар саҳифаҳои нашрияҳои маҳаллӣ қолаби ҳама жанрҳои публитсистикаи бадеӣ ба назар расида, дар мутобиқат бо муҳити фазои иттилоотии маҳал мунтазам инкишоф ёфтаанд.

Дар фасли дуюми боби сеюм – "Баъзе хусусиятҳои жанрии назми публитсистӣ" мавқеи шеъри иҷтимоиро дар саҳифаҳои нашрияҳои мазкур нишон медиҳад. Диссертант дар ин фасл таъкид мекунад, масъалаи сохтмон, бунёдкорӣ, мубориза ва садоқату ватандӯстиҳо

меҳвари аслии мавзӯоти назми иҷтимоии муаллифону адибони маҳаллиро ташкил намуда, дар ин самт ба нашр расонидани намунаҳои ашъори иҷтимоии адибони шинохтаи ҷумҳурӣ низ сарфи назар нашудааст.

Боби чоруми диссертатсия “Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар ҳунари публитсистикаи нашрияҳои маҳаллӣ” аз ду фасл иборат буда, фасли аввал “Образ ва образнокӣ дар публисистикаи матбуоти маҳаллӣ” унвон гирифта, дар фасли фавқуззикр масъалаи образ ва образнокӣ дар нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод” баррасӣ гардидааст. Дар фасли дуюм “Таносуби воқеа ва тахайюл дар лавҳа ва очеркҳои матбуоти маҳаллӣ” номгузорӣ шудааст. Муаллифи рисола таъкид менамояд, ки дар маҳалҳо кам будани нерӯҳои зеҳниву эҷодӣ дар сабку услуби навиштаҳои матбуоти даврӣ соддагиву харобиҳоро ба миён меорад, ки он ба дараҷаи пасти касбияти муаллифон алоқамандӣ дорад.

Дар боби мазкур диссертант ба хулоса меояд, ки муаллифони бомаҳорат дар солҳои гуногун дар тасвири ҳар як қаҳрамони конркетии ҳаёт ҳатман роҳи пурпечутоби бадеӣ-публитсистиро корбаст намуда, дар асоси ҷаҳонбинии фалсафию адабӣ ва воқиф будан аз қоидаҳои нафосати калом, табъу завқи хонандаашонро дарк карда тавонистаанд. Ҳамчунин, дар боби зикршудаи диссертатсия дар бораи ду аҷзои меҳвариву таркибии лавҳаву очеркҳои нашрияҳои мавриди таҳқиқ тавaққуф шудааст. Ба андешаи муаллифи рисола жанрҳои лавҳа ва очерк таҳқиқи воқеият ва тасвири бадеиро ҳамчун ҷузъиёти ҷолибсозӣ дар сатҳи хос бештар аз дигар жанрҳо омезиш додаанд. Дар ин боб муаллиф ба хулоса омадааст, ки муаммои воқеият ва тахайюл дар очерку лавҳаҳо доманаи васеъ дошта, дар давоми солҳо зина ба зина инкишоф ёфтааст. Очеркнависон бо сатҳи гуногуни

донишу ҷаҳонбинӣ симои воқеӣ, рухдоди замони реалӣ дар тасвирҳои бадеӣ инъикос шудааст.

Дар хулоса муҳимтарин нуктаҳои марбут ба мавзӯъ дар ёздаҳ банд зикр шудааст, ки онҳо бардошти муаллифи рисоларо таъкид месозад.

Дар охири рисола феҳристи осори таҳқиқӣ мундариҷ гардидааст, ки муаллиф ҳангоми навиштани рисола ба онҳо такя кардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар кори илмӣ чанд норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши корро афзуда, сатҳи илмии рисоларо боло хоҳанд бурд:

1. Ҳарчанд журналистикаи тоҷик дар инъикоси масъалаҳои идеологияи сиёсӣ ва ватандӯстии миллӣ нақши муассир пайдо намуда, маводи фаровон рӯи кор омада бошад ҳам, мавзӯоти идеологии даврони Истиқлолият дар фасли 1-и боби II ба андозаи зарурӣ ва сатҳи муайян тавзеҳу арзёбӣ нагаштааст ва алҳол ниёз ба баррасии амиқу пурраи илмӣ дорад.

2. Тавзеҳи сабаби сустгардии мавқеи публитсистикаи бадеии солҳои 90-уми кишвар берун аз мадди назари диссертант мондааст. Ҳарчанд ба андешаи муҳаққиқон (аз ҷумла Пансерев К.А., Колосов Г. В. ва диг.) солҳои 90-уми пасошӯравӣ дар журналистика дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад ва дар ин замина таваҷҷуҳ ба жанрҳои публисистикаи бадеӣ суст гардида, журналистика чун ҷойгузини матбуоти шӯравии ҳизбӣ, хусусияти ташвиқиву тарғибии афзалиятҳои касбиро иваз намуд ва таваҷҷуҳ бештар ба жанрҳои иттилоотӣ равона гардид.

3. Беҳтар мешуд, агар диссертант дар боби сеюми рисола ҳангоми баррасии рангорангии жанрии матнҳои публитсистикаи бадеӣ, ки яке аз муҳимимтарин жанри публитсистикаи бадеӣ ба ҳисоб меравад яъне сафарнома ва навъҳои онро дар қиёс бо жанрҳои ҳамгиро, масалан очерку эссе тавзеҳ диҳад.

4. Дар банди 11-и хулосаи кори илмӣ таъкид шудааст, ки “лаҳҷаю шева дар забони матбуоти солҳои 1933-1960 бештар аст ва қатъи назар аз костагиҳои забониву услубӣ офаридаҳо дар худ садоқату самимияти хоси муаллифонро нигоҳ доштаанд”. Дар ин маврид мавқеи диссертант ташреҳ талаб мекунад ва ба назар мерасад, ки истифодаи лаҳҷаву шеваро дар матбуот ҷонибдорӣ мекунад.

5. Забон ва услуби баёни маводи нашрияҳои мавриди назар дар хулоса арзёбӣ карда нашудааст. Ҳарчанд услуби бадеӣ-публистсистӣ будани онҳо саҳеҳ аст, лекин аз ҷониби диссертант муайян кардани ҷойгоҳи истифодаи ду услуби ВАО: расмӣ-коргузорӣ ва рӯзномавӣ-муқаррарӣ ҷанбаи таҳқиқи забону услуби публитсистикаи бадеиро дар нашрияҳои мавриди назар тақвият медод.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии рисоларо паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар назди худ гузошташударо бомуваффақият иҷро кардааст. Рисолаи илмии мазкур таҳқиқоти мустақилона буда, аҳамияти назариву амалӣ дорад.

Автореферат ва 26 мақолаҳои интишорнамудаи диссертант асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи доктории Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи “Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод”) таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шудааст.

. Кори илмӣ дорои навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариву амалӣ буда, ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои журналистика ва назарияи тарҷума ва адабиёти муосири МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар ҷаласаи №10 аз 11-

уми майи соли 2021, бо иштироки диссертант мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт.

Дар ҷаласа 27 нафар ширкат варзида, ба тарафдории тақризи мазкур 27 нафар овоз доданд: зид 0, бетараф 0.

Мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, доктори илмҳои филологӣ, профессор: Ӯлмасова Замира Ҳабибуллоевна

Котиби ҷаласа, дотсенти кафедра: Қосимова Инобат Тӯхтабоевна

Эксперт, доктори илмҳои филологӣ, профессор: Матлубаи Мирзоюнус

Имзоҳои З. Ҳ. Ӯлмасова, И.Т.Қосимова ва Матлубаи Мирзоюнусро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” Ашрапова З.Н.

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд,
Кӯчаи Мавлонбеков 1,
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров”
Тел: (834 22) 6 53 73; (992) 92 735 10 17
e-mail: hgu.mail.ru, www.hgu.tj